## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи «Вижагиҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна ба таҳлилу таҳқиқи мавзуи вижагиҳои тавсиф дар осори нависандаи бузурги тоҷик, шодравон Сайф Раҳимзоди Афардӣ бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки мавзуи мазкур бори нахуст дар қолаби диссертатсия мавриди омӯзиш қарор мегирад. Ин амр дар шинохти Сайф Раҳимзоди Афардӣ хамчун шахсияти адабӣ бисёр арзишнок ва судманд донист мешавад.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик аввалин бор зиндагӣ ва эҷодиёти яке аз чеҳраҳои маъруфи адабиёти муосири тоҷик Сайф Раҳимзоди Афардӣ мавриди таҳқиқи монографӣ қарор мегирад.

Дар диссертатсия ҳамчунин масоили зиёди шаклгирӣ ва инкишофи насри муосир дар замони истиқлол, вижагиҳои адабиёти даврони истиқлол таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар матни диссертатсия пештар атрофи мавқеи тавсиф дар мероси Сайф, таъсирпазирии нависанда аз мактабҳои гуногуни адабӣ изҳори назар шудааст.

Диссертант дар ҷараёни таъифи рисола талош намуда, саҳми Сайф Раҳимзоди Афардиро дар инкишоф таҳаввули насри муосири форсӣ мушаххас намояд.

Диссертатсия дар инкишофу вусъати таҳқиқоти илмӣ дар робита ба насри муосири тоҷикӣ, тамоюлҳои тозаи адабиёт ва ҳамзамон шинохту омӯзиши роҳи эҷодии Сайф Р. А. ҷанбаҳои фардии эҷодӣ, саҳми ӯ дар пешрафти насри муосир судманд хоҳад буд.

Маводи рисола ба таври умум дар тадриси фанҳои таълимии «Адабиёти муосири тоҷик», «Назарияи адабиёт», «Таърих адабиёти тоҷик», «Поэтикаи наср», «Ҳусни баён» мусоидат хоҳад намуд.

Ҳангоми омӯзишу таълими курсҳои махсус оид ба назарияи наср, истилоҳоти адабӣ, адабиёти қиёсӣ ва ҷараёнҳову мактабҳои адабӣ корсоз хоҳад буд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи

ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи «Вижагиҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Ба мавзуи** диссертатсияи номзадии Валиева Ҳалима Субҳонқуловна тағйирот ворид карда шавад ва дар шакли **«Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**- Салихов Шамсиддин Аслиддинович -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети

филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Нодирова Мавзуна Акбаршоевна** – номзади илмҳои филологӣ, мудири бахши кор бо лоиҳаҳои инноватсионии раёсати илми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Низомӣ М.З.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — М. Нарзикул

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
муовини ректор оид ба робитаҳои
байналмилалии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Қурбонзода Р.Қ.

«18» январи соли 2024.